**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj


№ 102/2с
аз «23» 09 соли 2020
Ба №2/793 аз 15.09.2020 сол

Кумитаи телевизион ва радиои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавии лоиҳаи «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 августи соли 2020 аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 12 август то 11 сентябри соли 2020 гузаронида шуда, аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиши ҳуқуқии маводҳои пешниҳодгардида собит сохт, ки аз тарафи Кумита (таҳиякунанда) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба лоиҳаи мазкур риоя гардида, муқаррароти ҷорикунандаи уҳдадориҳои барзиёд, монеа ва маҳдудиятҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ё ба ҷорӣ намудани онҳо мусоидаткунанда ҷой надорад, инчунин муқаррароте, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба вуҷуд омадани масрафҳои беасос мегарданд, мавҷуд намебошад.

Бо эҳтиром,

муовини якуми директор Соҳибзода М.М.

Ичро кард Зарифов У.

Тел: 227-46-71